аз « 23 » январи соли 2023, № 1 - ф

Дар бораи Тартиби пешбурди
ҳисобварақаи шахсии андозсупоранда

070.030.010.

Мутобиқи қисми 9 моддаи 106 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Тартиби пешбурди ҳисобварақаи шахсии андозсупоранда тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Фармоиши мазкур бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шуда, ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда шавад.
3. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.
4. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ барои дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Боҷу хироҷ» нашр намудани фармоиши мазкур чораҷӯӣ намояд.
5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми раиси Кумитаи андоз вогузор карда шавад.

Раис Нусратулло Давлатзода

Бо фармоиши раиси Кумитаи
андози назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз « 23 » январи соли 2023, № 1 - ф
тасдиқ шудааст

Тартиби
пешбурди ҳисобварақаи шахсии андозсупоранда

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби пешбурди ҳисобварақаи шахсии андозсупоранда (минбаъд – Тартиб) пешбурди ҳисобварақаи шахсии андозсупоранда ва маълумоти дар он дарҷшаванда, шаклҳои санади муқоисавӣ ва ҳисобварақаи андозсупорандаро муайян менамояд.

2. Баҳисобгирии иҷрои уҳдадориҳои андозӣ, ки аз ҷониби мақомоти андоз бо роҳи пешбурди ҳисобварақаи шахсии андозсупоранда (агенти андоз) анҷом дода мешавад, амалҳои зеринро дар бар мегирад:

- кушодани ҳисобварақаи шахсӣ барои ҳар намуди андоз;
- дарҷ намудани маблағҳои ҳисобкардашуда (иловатан ҳисобкардашуда), ба ҳисоб гирифташуда, пардохтшуда, баргардонидашудаи андоз, ҷаримаҳо, фоизҳо, маблағҳои батаъхиргузошта ё пардохти ба муҳлатҳо ҷудошудаи андозҳо, қарзҳои баҳснок ва мушкилситон дар ҳисобварақаи шахсӣ;
- бастани ҳисобварақаи шахсӣ.

3. Маблағи ҳисобкардашудаи андоз маблағи андозе мебошад, ки аз ҷониби андозсупоранда (агенти андоз), мақомоти андоз ва мақомоти ваколатдори давлатии муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд- Кодекси андоз) ҳисоб карда шудааст.

4. Дар Тартиб таҳти мафҳуми маблағи андоз (уҳдадориҳои андозӣ)-и илова ҳисобшуда маблағҳои андоз, ҷаримаҳо ва фоизҳое, ки аз ҷониби мақомоти андоз дар давраи муайяни андоз ҳисоб шудаанд, фаҳмида мешавад. Аз ҷониби мақомоти андоз ҳисоб кардани маблағҳои андоз, ҷаримаҳо ва фоизҳо, аз ҷумла зиёд ё кам кардани уҳдадорӣ, дар ҳолатҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- аз рӯйи натиҷаҳои санҷиши сайёри андоз;
- риоя нагардидани муҳлати пешниҳоди эъломияи андоз;
- аз рӯйи натиҷаҳои назорати камералӣ, муоинаи хронометражӣ ё шаклҳои дигари назорати андоз;
- зиёд ё кам кардани уҳдадориҳои андозӣ аз рӯйи натиҷаҳои баррасии шикояти андозсупоранда (агенти андоз) ба қарори қабулнамудаи мақомоти андоз;
- пешниҳод гардидани эъломияи иловагӣ (аз ҷумла ислоҳшуда)-и андоз мутобиқи моддаи 107 Кодекси андоз.

5. Уҳдадориҳои андозие, ки дар муҳлатҳои муқарраршуда иҷро нашуда, таъмини онҳо амалӣ намудани шартҳои махсусро талаб менамояд,

ҳамчун қарзҳои андози мушкилситон эътироф гардида, дар мақомоти андоз алоҳида ба ҳисоб гирифта мешаванд. Баҳисобгирии қарзи андозҳои мушкилситон тибқи фармоиши раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 октябри соли 2022, №19-ф «Дар бораи Тартиби пешбурд ва шартҳои махсус барои иҷрои уҳдадориҳои андозие, ки дар муҳлатҳои муқарраршуда иҷро нашудаанд», ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 2022, №1202 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, амалӣ карда мешавад.

6. Пешбурди баҳисобгирии андозҳо, ҷаримаҳо ва фоизҳои пардохташуда, баҳисобгирифташуда ва баргардонидашуда дар ҳисобварақаҳои шахсии андозсупоранда (агенти андоз) дар асоси ҳуҷҷатҳои пардохтӣ ва ҳуҷҷатҳои дигари зерин амалӣ карда мешавад:

- дар бораи пардохти андозҳо, ҷаримаҳо ва фоизҳо;
- дар бораи баҳисобгириҳо, баргардонидани маблағҳои изофапулии андозҳо, ҷаримаҳо ва фоизҳо;
- дар бораи баҳисобгириҳо ва баргардонидани маблағи барзиёд ҳисоб ва ё пардохтшудаи андоз аз арзиши иловашуда;
- дар бораи маблағҳои рӯёнидашудаи қарзҳои андоз, ҷаримаҳо ва фоизҳо.

7. Дар ҳисобварақаи шахсии андозсупоранда муҳлати тағйир ёфтаи иҷрои уҳдадориҳои андозӣ инъикос карда мешавад. Дар давраи муҳлати тағйир ёфтаи иҷрои уҳдадориҳои андозӣ, аз ҷумла пардохти андозҳо, ҷаримаҳо ва фоизҳо, аз ҷониби мақомоти андоз нисбат ба андозсупоранда чораҳои ҷавобгарӣ ва маҷбуран ситонидани андозҳо татбиқ карда намешаванд.

8. Дар ҳисобварақаи шахсии андозсупоранда (агенти андоз) маблағи фоизҳои бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андоз ҳисобшуда бо нишон додани даврае, ки фоизҳои мазкур ҳисобӣ шудаанд, инъикос карда мешавад.

9. Ҳангоми мавҷудияти маълумоти мушаххас дар бораи бо роҳи фирор аз ҳудуди кишвар берун шудан ё супоридани дороиҳо ба шахси дигар, ё андешидани амалҳои дигари сохтакорӣ бо дороиҳо, ки метавонанд ба ситонидани андоз монеъ шаванд, мақомоти андоз ҳуқуқ дорад маблағи андози ҳисобшударо ба ҳисобварақаи шахсии андозсупоранда ворид намуда, пардохти фаврии онро талаб намояд, агар ин чора барои таъмини ситонидани андоз зарур бошад.

10. Баҳисобгирии ба буҷет ворид гардидани андозҳоро мақомоти андоз бо роҳи инъикос намудани маблағҳои андозҳо ва боҷҳои ҳисоб ва пардохтшуда, инчунин фоизҳо ва ҷаримаҳо дар ҳисобварақаи шахсии андозсупоранда амалӣ менамояд.

11. Баҳисобгирии андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмии ба буҷет воридшуда мувофиқи гуруҳбандии даромадҳои буҷет, ки аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, пеш бурда мешавад.

12. Тақсимот ва ҳиссаҷудокунии андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмии ба буҷет воридгардида байни буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ

мувофиқи меъёрҳои муқаррарнамудаи қонунгузории буҷети давлатӣ гузаронда мешавад.

## 2. ТАРТИБИ КУШОДАН ВА ПЕШ БУРДАНИ ҲИСОББАРАҚАҲОИ ШАХСИИ АНДОЗСУПОРАНДА

13. Барои пеш бурдани ҳисоби иҷрои уҳдадориҳои андозсупорандагон (агенти андоз) аз рӯйи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, фоизҳо ва ҷаримаҳо дар мақомоти андоз тибқи замимаи 1 Тартиб ҳисобварақаи шахсии андозсупоранда кушода мешавад.

14. Бо дар назар доштани нишондиҳандаҳои дар ҳисобварақаи шахсии андозсупоранда пешбинишуда дар махзани маълумоти мақомоти андоз тибқи замимаи 2 Тартиб санадҳои муқоисавии андозсупорадагон дар реҷаи вақти мустақим ташаккул меёбад.

15. Ҳисобварақаи шахсии андозсупоранда дар ҳолатҳои зерин кушода мешаванд:

- ба андозсупорандагон (агенти андоз), ки бори аввал бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андоз дар мақомоти андоз ба ҳисоб гирифта мешаванд, аз лаҳзаи баҳисобгирии онҳо дар мақомоти андоз;
- ба андозсупорандагон (агенти андоз), ки аз оғози соли молиявӣ дар мақомоти андоз дар баҳисобгирӣ истодаанд, бо гузарондани бақияҳо аз ҳисобварақаи шахсии соли гузашта, ё ин ки аз вақти ҳисоб кардан (ба ҳисоб гирифтан) ва пардохти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет (агар андозсупоранда қаблан супорандаи чунин андозҳо ё пардохтҳо ба шумор равад);
- ба андозсупорандагоне, ки бо сабабҳои гуногун дар мақомоти андоз ба ҳисоб гирифта нашудаанд – аз лаҳзаи ба ҳисоб гирифтан ва (ё) пардохти андоз.

16. Ҳисобварақаи шахсии андозсупоранда барои шахси ҳуқуқӣ, аз ҷумла филиал, намояндагӣ, воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ ва шахси ҳуқуқии хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамояд, дар маҳалҳои зерин кушода мешаванд:

- маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ (аз ҷумла филиал, намояндагӣ ва воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ);
- маҳалли ҷойгиршавии молу мулк (объектҳои андозбандӣ).

17. Дар ҳолати иваз гардидани маҳалли фаъолияти соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда ҳисобварақаи шахсии ӯ дар шакли электронӣ ба мақомоти ҳудудии андози дахлдор интиқол дода мешавад.

18. Ҳисобварақаҳои шахсии андозсупоранда барои шахси воқеӣ дар нозироти андози маҳалли баҳисобгирӣ ва дар маҳалҳои зерин кушода мешаванд:

- маҳалли истиқомат;
- маҳалли ҷойгиршавии молу мулк (объектҳои андозбандӣ).

19. Агар шахсони ҳуқуқӣ бе таъсиси муассисаи доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намояд, ҳисобварақаи шахсии ӯ ба агенти андози он дар мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавии агенти андоз кушода мешавад.

20. Ҳисобварақаҳои шахсии андозсупоранда барои ғайрирезидентҳои зерин кушода мешаванд:

- шахсони воқеие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути муассисаи доимӣ фаъолияти соҳибкори инфиродиро анҷом медиҳанд - дар мақомоти андози маҳалли баҳисобгирӣ;

- шахсони ҳуқуқие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути муассисаи доимӣ фаъолият менамоянд - дар мақомоти андози маҳалли баҳисобгирии муассисаи доимӣ;

- шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматрасонии фосилавиро анҷом медиҳанд - дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон объектҳои андозбандӣ ва (ё) объектҳои марбут ба андозбандӣ доранд - дар мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавии объектҳои андозбандӣ ва (ё) объектҳои марбут ба андозбандӣ;

- шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон молу мулкро бо ҳуқуқи моликият ва ё дигар тартибе, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд, доранд - дар мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавии чунин молу мулк.

21. Маблағи ҳисобшавандаи андоз аз молу мулк дар ҳисобварақаи шахсии андозсупорандагон тибқи аризаи аз ҷониби онҳо ба мақомоти андоз пешниҳодгардида ва (ё) маълумоти дигари пешниҳоднамудаи мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба бақйадгирии молу мулк ташаккул меёбад.

22. Ба ҳисобварақаи шахсии андозсупоранда маблағи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмие, ки дар натиҷаи корҳои назорати андоз нисбати фаъолитяи он ҳисоб ва ё кам карда шудааст, тибқи муқаррароти Кодекси андоз ва қарори роҳбари мақомоти андоз оид ба натиҷаи баррасии маводди санҷиши андоз гузаронда мешавад.

23. Дар ҳисобварақаҳои шахсии андозсупоранда маълумоти зерин нишон дода мешавад:

- намуди андоз;
- номи андозсупоранда (шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ);
- рақами мушаххаси андозсупоранда;
- рақами ягонаи мушаххас;
- санаи ҳисобварақа;
- санаи амалиёт;
- рӯзи навиштаҷот;
- мазмуни амалиёт, давра, рақам ва санаи ҳуҷҷат;
- муҳлати пардохт ва рӯзи воридоти маблағ ба буҷет;
- маблағи ҳисобкардашуда;
- маблағи камкардашуда;
- маблағи пардохтшуда;

- маблағи баргардонидашуда;
- салдои ҳисоббаробаркунӣ-бақияпулӣ ва ё изофапулӣ;
- фоизи ҳисобкардашуда (+) ё камкардашуда (-), маблағи фоиз, давраи ҳисобшуда;
- фоизи пардохтшуда ё баргардонидашуда;
- бақияи фоизи пардохтнашуда;
- маблағи ба таъхирандохташуда;
- маблағи аз ҳисоббаровардашуда;
- қарзҳои баҳснок ва мушкилситон;
- ҳамагӣ аз аввали сол воридкардашуда.

24. Дар ҳисобварақаи шахсии андозсупоранда ҳангоми гузарондани ҳар як амалиёт маълумоти дар банди 23 Тартиби мазкур пешбинишуда дар шакли электронӣ ташаккул меёбад.

25. Ҳисобварақаи шахсии андозсупоранда аз рӯйи намудҳои андоз ҷудогона рақамгузорӣ мешаванд. Ҳисобварақаи шахсии андозсупоранда аз рӯйи намуди андозҳо дар алоҳидагӣ тавассути модулҳои компютерӣ дар шакли электронӣ ташаккул дода мешавад.

26. Дар ҳисобварақаи шахсӣ ҳамаи қайдҳо, аз ҷумла амалиётҳо оид ба маблағҳои ҳисобкардашуда (иловатан ҳисобкардашуда), ба ҳисоб гирифташуда, пардохтшуда, баргардонидашудаи андоз, ҷаримаҳо, фоизҳо, маблағҳои батаъхиргузошта ё пардохти ба муҳлатҳо ҷудошудаи андозҳо, маблағи баҳснок ва қарзҳои мушкилситон дар шакли электронӣ гузаронда мешаванд.

## 3. ТАРТИБИ ПУР ГАРДИДАНИ ҲИСОБВАРАҚАИ ШАХСИИ АНДОЗСУПОРАНДА

27. Ҳисобварақаи шахсии андозсупоранда аз 17 сутун иборат буда, дар он маълумоти зерин аз рӯйи нишондиҳандаҳои ҳисоботи андоз супоришномаҳои пардохтӣ ва дигар маълумоти дар махзани электронӣ мавҷудбуда ташаккул меёбад:
- дар сутуни 1 санаи гузарондани қайдҳои амалиёт сабт мешавад;
- дар сутуни 2 мазмуни амалиёт, аз ҷумла рақам ва санаи супоришномаи пардохтӣ қайд мегардад;
- дар сутуни 3 муҳлати пардохт ва санаи воридоти маблағи андоз ба буҷет дарҷ мегардад;
- дар сутунҳои 4-7 маблағҳои ҳисобкардашуда, камкардашуда, пардохтшуда ва баргардонидашуда инъикос карда мешаванд;
- дар сутунҳои 8 ва 9, ки салдои ҳисоббаробаркуниро дар бар мегирад, бақияпулӣ ва изофапулӣ дарҷ карда мешавад;
- дар сутунҳои 10-13 фоизҳои ҳисобкардашуда ва ё камкардашуда, фоизи пардохтшуда ё баргардонидашуда ва бақияи фоизи пардохтнашуда қайд мегардад;
- дар сутунҳои 14 ва 15 маблағҳои батаъхиргузошта ва аз ҳисоб баровардашуда дарҷ карда мешавад;
- дар сутуни 16 маблағи баҳснок ва қарзҳои мушкилситон инъикос мегардад;

- дар сутуни 17 ҳосили ҷамъи маблағҳои аз аввали сол ба буҷет воридгардида қайд карда мешавад.

## 4. БАҲИСОБГИРИИ МАБЛАҒИ АНДОЗҲО ДАР ҲИСОБВАРАҚАИ ШАХСИИ АНДОЗСУПОРАНДА

28. Шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ андозҳо, фоизҳо ва ҷаримаҳои ҳисобшударо ба таври ғайринақдӣ пардохт менамоянд.

29. Маблағи андозҳо тибқи нишондиҳандаҳои супоришномаи пардохтӣ ва дигар ҳуҷҷати пардохтӣ аз ҷониби Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё бонкҳо ва ташкилотҳои қарзию молиявӣ тавассути системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андоз дар реҷаи вақти воқеӣ ба мақомоти андоз пешниҳод карда шуда, дар ҳисобварақаҳои шахсии андозсупорандагон инъикос мегардад.

30. Дар ҳисобварақаи шахсии андозсупоранда уҳдадориҳои андозии андозсупоранда тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андоз бо пайдарҳамии зерин иҷро карда мешаванд:

- аз рӯйи андозҳои ҳисобшуда (иловатан ҳисобшуда);
- фоизҳои ҳисобшуда;
- ҷаримаҳои ҳисобшуда.

31. Дар ҳисобварақаи шахсии андозсупоранда пардохти маблағи андозҳо, ҷаримаҳо ва фоизҳои ҳисобшуда барои рӯйпӯш намудани уҳдадориҳои андозии андозсупоранда бо пайдарҳамии зерин амалӣ карда мешавад:

- дар навбати аввал уҳдадориҳои қарзии солҳои гузашта;
- баъдан қарзҳои андози дертар ташаккулёфта;
- дар навбати ниҳоӣ уҳдадориҳои андозии соли ҷорӣ.

## 5. ВОРИД НАМУДАНИ ТАuЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҲИСОБВАРАҚАИ ШАХСИИ АНДОЗСУПОРАНДА ҲАНГОМИ ТАҒЙИР ДОДАНИ МУҲЛАТИ ПЕШНИҲОДИ ЭЪЛОМИЯИ АНДОЗҲО ВА ПАРДОХТИ АНДОЗҲО

32. Дар ҳисобварақаи шахсии андозсупоранда тағйир ёфтани муҳлати пешниҳоди эъломияҳои андоз ва пардохти андозҳо тибқи муқаррароти Кодекси андоз инъикос карда мешавад.

33. Дар ҳисобварақаи шахсии андозсупоранда тамдиди муҳлати пешниҳоди эъломияи андоз мутобиқи Кодекси андоз муҳлати пардохти андозро тағйир намедиҳад ва дар ҳисобварақа боиси боздоштани ҳисобкунии фоизҳо барои саривақт напардохтани андозҳо намегардад.

34. Дар ҳисобварақаи шахсии андозсупоранда ворид намудани тағйирот оид ба тағйир ёфтани муҳлати пардохти андозҳо тибқи муқаррароти Кодекси андоз ва қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлиси вакилони халқи шаҳр (ноҳия) амалӣ карда мешавад.

## 6. ҲИСОБ КАРДАНИ ФОИЗҲО ДАР ҲИСОБВАРАҚАИ ШАХСИИ АНДОЗСУПОРАНДА

35. Дар ҳисобварақаи шахсии андозсупоранда фоизҳо барои ҳар рӯзи батаъхиргузорӣ дар ҳаҷми 0,04 дарсад дар ҳолатҳои зерин ҳисоб карда мешаванд:

- барои маблағи андози дар муҳлатҳои муқарраргардида пардохтнашуда;
- барои маблағи андози барзиёд пардохтшуда мутобиқи талаботи моддаи 117 Кодекси андоз;
- барои маблағи андози барзиёд ситонидашудаи андозҳо мутобиқи муқаррароти моддаи 118 Кодекси андоз.

36. Дар ҳисобварақаи шахсии андозсупоранда фоизҳо дар ҳолатҳои зерин ҳисоб карда намешаванд:

- нисбат ба қарзи андозии шахси воқеии вафоткарда дар ҳолати пешниҳод гардидани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи фавти ин шахс;
- нисбат ба маблағи қарзи андозии бо қарори суд бедарак ғоиб эътирофшуда - аз санаи қабули чунин қарор то санаи бекор карда шудани он;
- нисбат ба қарзи андозии соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқие, ки нисбат ба онҳо қарор дар хусуси муфлисшавӣ қабул гардидааст, аз рӯзи аз ҷониби суд қабул гардидани парванда оид ба муфлисшавӣ;
- нисбат ба қарзи андозӣ аз рӯйи як намуди андоз, агар маблағи барзиёд пардохтшуда аз рӯйи намудҳои дигар мавҷуд бошад, - аз санаи анҷоми амалиёт;
- нисбат ба маблағи қарзҳои мушкилситон – аз санаи қабули қарор оид ба шомил намудани қарз ба чунин гурӯҳ мутобиқи муқаррароти Кодекси андоз;
- нисбат ба маблағи қарзи муҳлати пардохташ тибқи қисми 4 моддаи 113 Кодекси андоз батаъхиргузошташуда ва ё пардохти он ба муҳлатҳо ҷудошуда – аз санаи қабули санади дахлдор.

37. Маблағи фоизҳое, ки аз ҳисоби маблағҳои пулии суратҳисобҳои бонкии андозсупоранда дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва молу мулки дигари андозсупоранда мутобиқи бобҳои 17-18 Кодекси андоз маҷбуран ситонида шудаанд, дар ҳисобварақаи шахсии андозсупоранда бо тартиби дар Кодекси андоз муайян шудааст, аз рӯйи таъиноти андозҳо гузаронда мешаванд.

38. Фоизҳое, ки аз шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ бо тартиби пешбининамудаи моддаҳои 145-149 ва 152 Кодекси андоз ва аз шахсони воқеии дигар бо тартиби пешбининамудаи моддаи 151 Кодекси андоз маҷбуран ситониданида шудаанд, дар ҳисобварақаи шахсии андозсупоранда дар шакли электронӣ ворид мегарданд, агар дар Кодекси андоз тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

## 7. БАРРАСИИ ҲИСОБВАРАҚАИ ШАХСИИ АНДОЗСУПОРАНДА

39. Бо мақсади дуруст ба ҳисоб гирифта шудани иҷрои уҳдадориҳои андоз ва пардохтҳо аз ҷониби мақомоти андоз нишондиҳандаҳои ҳисобварақаҳои шахсии андозсупорандагон мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

40. Дар ҳисобварақаи шахсии андозсупоранда нишондиҳандаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд:

- маблағҳои ҳисобкардашуда (иловатан ҳисобкардашуда), ба ҳисоб гирифташуда, пардохтшуда, баргардонидашудаи андоз, ҷаримаҳо, фоизҳо, маблағҳои батаъхиргузошта ё пардохти ба муҳлатҳо ҷудошудаи андозҳо, қарзҳои мушкилситон;
- ба ҳисоб гирифтани шудани бақияи қарзи андозҳо ва изофапулиҳои андозсупоранда;
- фарқият тибқи эъломияҳои қаблан пешниҳодшуда ва ҳисоббаробаркуниҳои андоз ва дигар пардохтҳо дар натиҷаи ворид намудани тағйиру иловаҳо дар ҳисоботи андоз;
- ҷамъбасти натиҷаҳои ҳамаи сутунҳои ҳисобварақаи шахсии андозсупоранда;
- ҳисоб кардани фоизҳо ва ҷаримаҳо;
- нишон додани муҳлати пардохти андоз ва дигар пардохтҳо;
- нишон додани санаи аз ҳисобварақаи шахсии андозсупоранда аз ҳисоб баровардан ва ба буҷет ворид намудани андоз ва дигар пардохтҳо;
- дигар нишондиҳандаҳо.

41. Мақомоти андоз маблағи андозҳо ва пардохтҳои ба буҷет воридшударо бо дар назар доштани маълумоти Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё бонкҳо ва ташкилотҳои қарзию молиявӣ мувофиқи рамзҳои гурӯҳбандии даромадҳои буҷет мавриди баррасӣ қарор дода, тибқи тартиби муқаррарнамуда чораҷӯйӣ менмояд.

## 8. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

42. Кормандони мақомоти андоз барои риоя накардани талаботи Тартиб тибқи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Замимаи 1
ба Тартиби пешбурди ҳисобварақаи
шахсии андозсупоранда

# ҲИСОБВАРАҚАИ ШАХСИИ АНДОЗСУПОРАНДА

_______________________________________________
намуди андоз

РМА:
РЯМ:
Санаи ҳисобварақа:
Санаи амалиёт:

Номи
андозсупоранда:

| Рӯзи навиштаҷот | Мазмуни амалиёт (барои кадом давра, рақам ва санаи ҳуҷҷат) | Муҳлати пардохт ва рӯзи воридоти маблағ ба буҷа | Ҳисоббаробаркунӣ оид ба пардохти маблағи андоз | | | | | | Ҳисоббаробаркунӣ оид ба ҳисоб ва пардохти фоизу ҷаримаҳо | | | | маблағҳои ба таъхир андохташуда | маблағҳои аз ҳисоб баровардашуда | қарзҳои баҳснок ва мушкилситон | Ҳамагӣ аз аввали сол воридкардашуда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | маблағҳои ҳисобкардашуда | маблағҳои камкардашуда | маблағҳои пардохташуда | маблағҳои баргардонидашуда | салдои ҳисоббаробаркунӣ | | фоизи ҳисобкардашуда (+) ё камкардашуда (-) | | фоизи пардохташуда ё баргардонидашуда | бақияи фоизи пардохтанашуда | | | | |
| | | | | | | | бақияпулӣ | изофапулӣ | маблағи фоиз | давраи ҳисобшуда | | | | | | |
| **1** | **2** | **3** | **4** | **5** | **6** | **7** | **8** | **9** | **10** | **11** | **12** | **13** | **14** | **15** | **16** | **17** |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |

Замимаи 2
ба Тартиби пешбурди ҳисобварақаи шахсии
андозсупоранда

# САНАДИ МУҚОИСАВӢ
## оид ба пардохти андозҳо ба буҷет

______________________________________________

дар давраи аз _____________ то ____________

РМА:
РЯМ:

Номи пурраи
андозсупоранда:

| Номгӯйи андозҳо | Бақия дар аввали давра (бакияпули-, изофапули+) | | | Маблағҳои ҳисобшуда | | Маблағҳои аз буҷет кам карда шуда ва аз ҳисоб баровардашуда | | Маблағҳои пардохт гардида | | Маблағҳои аз буҷет баргардонидашуда | | Батаъхиргузорӣ | | Қарзи андозҳои мушкилситон | Бақия дар охири давра (бақияпули-, изофапули+) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | андоз | фоиз ҷарима | ҳамагӣ | андоз | фоиз ҷарима | андоз | фоиз ҷарима | андоз | фоиз ҷарима | андоз | фоиз ҷарима | андоз | фоиз ҷарима | | андоз | фоиз ҷарима | ҳамагӣ |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **ХАМАГӢ:** | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **ҶАМЪИ МАБЛАҒИ АНДОЗҲО БО НАЗАРДОШТИ ҚАРЗИ АНДОЗҲОИ МУШКИЛСИТОН** | | | | | | | | | | | | | | | | | |

Санаи тартиб додани санади мукоисавӣ: _______________

Сардори нозироти андоз: ____________________________ сардор: ____________________________

Нозири мутасаддии шубаи
баҳисобгирии андозҳо: ____________________________

Нозири мутасаддӣ: ____________________________ сармуҳосиб: ____________________________

**санаи охирини тасдиқи**
**санади муқоисавӣ тариқи**
**электронӣ**